# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.04. – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) пешниҳод гардидааст**

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон вобаста ба ҷамъбаст ва хулоса намудани натиҷаҳои ба дастовардашуда марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва озмоишӣ гузаронида шудааст. Дар рисола муаллиф дараҷаҳои илмӣ- навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии тадқиқотии худро ба ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик муайян намудааст. Ба ақидаи муаллиф муҳимтарин масъала ин дар донишҷӯён ташаккул додани дониши муайян, истифода бурдани он дониш дар ҳолатҳои зарурӣ, баровардани хулосаҳои мустақилона, ҳалли масъалаҳо дар ҳолати ғайрианъанавӣ ва мустақилона пурра намудани дониши хеш, ташкил додани фаъолияти андешаронии хеш ниҳоят муҳим мебошад. Танҳо дар он сурате фанни таърихи халқи тоҷик метавонад бо тамоми арзишаш дар давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолият намояд, ки ба тағйиротҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ хешро мутобиқ намояд.

Дар рисолаи худ диссертант қайд менамояд, ки тадбирҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида, оиди ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз мубрамияти хоса пайдо намудани омӯзиши фаъни “Таърихи халқи тоҷик” гувоҳӣ медиҳад. Ба гуфти ӯ, маҳз ба шарофати соҳибистиқлол шудани давлати азизамон омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун фанни ҷудогонаи таълимӣ арзи вуҷуд намуд.

Аммо мавриди омӯзиши суст қарор гирифтани ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик муаллифро маҷбур менамояд, ки ҳамин мавзӯъро зери назари таҳқиқи худ қарор диҳад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки натиҷаи бадастомадаи диссертант дар таҳқиқи паҳлӯҳои методикаи таълими таърихи халқи тоҷик дар ташаккули салоҳияти донишҷӯён ҳамчун сарчашма хизмат менамояд. Диссертатсия ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёнро тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун заминаи бунёдӣ - методологии ташаккули салоҳиятнокӣ, роҳу равиши вусъатбахшии

салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён чун омили боэътимоди рушди салоҳиятмандӣ дар фаъолияти касбӣ дар назар дорад. Натиҷаи таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо ва хондани курсҳои махсус барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии равияи омӯзгорӣ, омода намудани роҳнамо ва дастурҳои методии омӯзгорон мувофиқ мебошад. Инчунин онҳо бо таҳлили ҳамаҷонибаи методологии мавзӯи таҳқиқшаванда, истифодаи маҷмӯи методҳои ҳамдигарро пурракунандаи тадқиқоти педагогӣ, ки ба вазифаҳои гузошташуда муносиб мебошанд, имкони такроран баргузор намудани худи ҳамон объектҳои озмоиш, давра ба давра арзёбӣ намудани натиҷаҳои дар рафти иҷрои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба даст оварда, таҳлили миқдорӣ ва сифатии онҳо бо истифода аз методҳои илмӣ, тасдиқи фарзияи озмоиш таъмин мегардад.

Омӯзиш ва таҳлили мундариҷаи автореферат ва корҳои чопшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки тадқиқоти гузаронидаи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқ аст.

Умуман, автореферати диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон ба талаботҳои Низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.04. – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва ва сатҳи таҳсилот) шоиста ва сазовор аст.

Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони
кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи
иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Насриддинова Майсара Муйдиновна

Суроға: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,
хиёбони И.Сомонӣ 169. Тел: (+992) 928351611
E-mail: maisaranasriddinova@gmail.com сайт: www.iet.tj

Имзои М.М.Насриддиноваро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои
ДДТТ дар ш. Хуҷанд” Маҳмудов Ш.У.